Маблағгузории Иттиҳоди Аврупо

# ТАВСИФИ

## ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ВА МАЪМУРИИ ВОБАСТА БА ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ҶИНОЯТҲОИ ЗИДДИ ДАХЛНОПАЗИРИИ ҶИНСӢ ВА ОЗОДИИ ҶИНСӢ

**Душанбе-2025**

## Мундариҷа


**Муқаддима .... 4**

**Қисми 1. Маълумоти умумӣ дар бораи парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурии ҷамъовардашуда .... 5**

*1.1. Парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурии интихобшуда .... 5*

*1.2. Ҳайати суд ҳангоми баррасии парвандаҳои интихобшудаи маъмурӣ ва ҷиноятӣ .... 7*

**Қисми 2. Парвандаҳои ҷиноятии зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии шаҳвонӣ .... 8**

*2.1. Профили шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд .... 8*

*2.2. Профили шахсони ҷабрдида .... 13*

*2.3. Муносибатҳои байни шахсони ҷабрдида ва шахсони содирнамудаи ҷиноят .... 16*

*2.4. Айбдоркунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятии интихобшуда .... 17*

*2.5. Вақт ва макони содир кардани ҷиноятҳо .... 18*

*2.6 . Парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба зӯроварӣ дар оила .... 19*

2.6.1. Бандубасти ҷиноятҳо .... 19

2.6 .2. Ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила .... 20

2.6.3. Рафтори назораткунанда ҳамчун шакли зӯроварӣ дар оила .... 20

2.6.4. Таъиноти хусусӣ дар парвандаҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила .... 21

*2.7. Парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварии шаҳвонӣ .... 22*

2.7.1. Бандубасти  ҷиноятҳо .... 22

2.7.2. Набудани розигӣ дар ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ .... 23

*2.8. Дастрасии ҷабрдидагон ба ёрии ҳуқуқӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ .... 25*

*2.9. Натиҷаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо .... 26*

**Қисми 3. Парвандаи маъмурӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила .... 30**

*3.1. Профили шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир намудаанд .... 30*

*3.2. Профили ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила .... 32*

***3.3. Намудҳои зӯроварӣ дар оила*** ........ *34*
***3.4. Натиҷаи баррасии парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила дар судҳо*** ........ *36*

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО ........ 40**

## Муқаддима

Дар чаҳорчӯби лоиҳаи Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» ва Комиссияи байналмилалии ҳуқуқшиносон «Тавонмандсозии занон тавассути низоми адлия дар Тоҷикистон» (WEMJUST), ки аз ҷониби Иттиҳодияи Аврупо (ИА) маблағгузорӣ мешавад, парвандаҳои зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии шаҳвонӣ таҳлил ва баррасӣ шуданд, ки аз ҷониби судҳои интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2023 гузаронида шуд. Азбаски зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти алоҳида ба ҳисоб намеравад, барои баррасӣ парвандаҳои ҷиноятҳои барқасдона ва дорои хусусияти зӯроварӣ (тибқи моддаҳои 104, 109, 110-112, 117-и Кодекси ҷиноятӣ) интихоб карда шуданд, ки дар онҳо шахси содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдидагон дар муносибатҳои оилавӣ қарор доштанд. Ба категорияи зӯроварии шаҳвонӣ ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки дар боби 18 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар соли 2013 ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷорӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои амалҳои зӯроварӣ дар оила ва вайрон кардани амрномаҳои муҳофизатӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ҳамин тариқ, парвандаҳои маъмурӣ тибқи моддаҳои 93.1 ва 93.2-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳлилу баррасӣ ворид карда шуданд.

Интихоби парвандаҳо ва омӯзиши онҳо аз рӯи меъёру саволҳои таҳияшуда аз ҷониби Мавҷуда Пӯлодӣ - судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саломат Ҳакимзода - раиси Ассотсиатсияи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд. Ҷавобҳо ба саволҳо ба саволнома тибқи ҳар моддаи Кодекси ҷиноятӣ ва як саволномаи умумӣ барои парвандаҳои маъмурӣ ворид карда шуданд. Ҷамъбасти натиҷаҳо аз ҷониби мушовири ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» бо дарназардошти андешаҳои судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҳқиқот иштирок карданд, иҷро шуд.

Дар гузориш натиҷаҳои асосии таҳлилу баррасӣ пешниҳод шудаанд: намудҳои парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурии ҷамъовардашуда, тавсифномаҳои иҷтимоию демографии шахсоне, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ содир намудаанд ва ҷабрдидагон, ҳолатҳои асосии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо, намудҳои ҷазоҳои таъйиншуда ва дигар хусусиятҳои парвандаҳои судӣ, хулосаю тавсияҳо.

Ҳамаи андешаҳо ва хулосаҳои дар ин гузориш баёншуда танҳо ба мушовири ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» Дилбар Тӯраханова тааллуқ дошта, назари расмии Иттиҳодияи Аврупо ё Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода намекунанд.

## ҚИСМИ 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ВА МАЪМУРИИ ҶАМЪОВАРДАШУДА

### 1.1. Парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурии интихобшуда

Барои гузаронидани санҷиш 104 парвандаи ҷиноятӣ ба таври интихоби тасодуфӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ки дар солҳои 2021-2023 аз ҷониби судҳои зерин баррасӣ шуда буданд:

- Суди шаҳри Бохтар: 9 парвандаи ҷиноятӣ.
- Судҳои ноҳиявии шаҳри Душанбе: ноҳияҳои Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур ва Сомонӣ: 46 парвандаи ҷиноятӣ.
- Суди шаҳри Хуҷанд: 15 парвандаи ҷиноятӣ.
- Суди шаҳри Кӯлоб: 11 парвандаи ҷиноятӣ.
- Суди вилояти Хатлон: 19 парвандаи ҷиноятӣ.
- Суди вилояти Суғд: 4 парвандаи ҷиноятӣ.

Дар ибтидои таҳқиқот ҳамчунин ба баррасии парвандаҳо тибқи моддаи 106-и Кодекси ҷиноятӣ (одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ ) ва моддаи 116-и Кодекси ҷиноятӣ ( лату кӯб) дохил карда шуда буд, вале дар давоми се сол судҳои мазкур парвандаҳои марбут ба ин моддаҳоро баррасӣ накардаанд. Дар ҷадвали 1 шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи сол, моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ва суд оварда шудааст.

*Ҷадвали 1. Шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи сол, суд ва модда*

| | **Модда** | **104** | **109** | **110** | **111** | **112** | **117** | **138** | **139** | **140** | **141** | **142** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сол** | 2021 | | | | | | 1 | | 1 | | | | **2** |
| | 2022 | 6 | 7 | 2 | 7 | 1 | 1 | 6 | 5 | 1 | 15 | 3 | **54** |
| | 2023 | 2 | | 2 | 7 | 1 | 8 | 6 | 7 | | 6 | 9 | **48** |
| **Ҳамагӣ** | | **8** | **7** | **4** | **14** | **2** | **10** | **12** | **13** | **1** | **21** | **12** | **104** |
| **Суд** | Суди шаҳри Бохтар | | 1 | | | | 1 | 1 | | | 5 | 1 | **9** |
| | Суди шаҳри Душанбе | 1 | 4 | 2 | 7 | 1 | 6 | 1 | 4 | 1 | 12 | 7 | **46** |
| | Суди шаҳри Хуҷанд | 2 | 2 | | 3 | 1 | 2 | | 1 | | 2 | 2 | **15** |
| | Суди шаҳри Кулоб | | | 2 | 4 | | 1 | | 1 | | 1 | 2 | **11** |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Суди вилоятии Хатлон | 4 | | | | | | 8 | 6 | | 1 | | **19** |
| | Суди вилоятии Суғд | 1 | | | | | | 2 | 1 | | | | **4** |
| **Ҳамагӣ** | | **8** | **7** | **4** | **14** | **2** | **10** | **12** | **13** | **1** | **21** | **12** | **104** |

Парвандаҳои ҷиноятӣ ба ду категория тақсим карда шуданд: 1) зӯроварӣ дар оила ва 2) зӯроварии шаҳвонӣ. Мавҷудияти муносибатҳои оилавӣ байни ҷабрдида ва ҷинояткор ҳамчун меъёри категорияи парвандаҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила хизмат кард. Ҳамин тариқ, 45 парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаҳои зерин ба категорияи зӯроварӣ дар оила дохил карда шуданд:

- Моддаи 104 (одамкушӣ).
- Моддаи 109 (ба худкушӣ расонидан).
- Моддаи 110 (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ).
- Моддаи 111 (қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ).
- Моддаи 112 (қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ).
- Моддаи 117 (азобу уқубат).

Ба категорияи зӯроварии шаҳвонӣ ҳамаи ҷиноятҳои боби 18-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, ки 59 парвандаи ҷиноятиро аз рӯи моддаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- Моддаи 138 (таҷовуз ба номус).
- Моддаи 139 (кирдорҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ).
- Моддаи 140 (маҷбур кардан ба кирдорҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ).
- Моддаи 141 (алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст).
- Моддаи 142 (ҳаракатҳои бадахлоқона).

Барои гузаронидани таҳқиқи парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила тибқи ду моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар давоми солҳои 2021-2023 40 парванда мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

*Диаграммаи 1. Парвандаҳои маъмурии ҷамъовардашуда аз рӯи солҳо, судҳо ва моддаҳо.*




Танҳо ду парванда тибқи моддаи 93.2 таҳқиқ шудааст: як парванда аз суди ноҳияи Душанбе ва як парванда аз суди шаҳри Хуҷанд. Тибқи моддаи 93.1, 38 парвандаи маъмурӣ баррасӣ карда шуданд, ки дар суди ноҳиявии Душанбе (10 парванда), суди шаҳри Бохтар (13 парванда), суди шаҳри Хуҷанд (5 парванда) ва суди шаҳри Кӯлоб (10 парванда) ҷамъоварӣ шудаанд (Диаграммаи 1).

**1.2. Ҳайати суд ҳангоми баррасии парвандаҳои интихобшудаи маъмурӣ ва ҷиноятӣ**

Парвандаҳои маъмуриро дар судҳо судя шахсан баррасӣ мекунад.

*Диаграммаи 2. Ҳайати суд*




Вобаст ба ҳайати суд, аксарияти парвандаҳои маъмуриро (37 парванда аз 40 парванда) судяҳои мард баррасӣ кардаанд (Диаграммаи 2).

Парвандаҳои ҷиноятӣ дар суди марҳилаи якум ба таври коллегиалӣ ё инфиродӣ баррасӣ мешаванд. Баррасии коллегиалӣ аз ҷониби суди иборат аз судя, ду машваратчии халқӣ иҷро мешавад, ки аз тамоми ҳуқуқҳои судя ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ истифода мебаранд. Ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ, ба истисноӣ ҷиноятҳои махсусан вазнин, танҳо аз ҷониби судяҳои инфиродӣ баррасӣ карда мешаванд.[1] Дар байни ҷиноятҳои ба таҳқиқот дохилшуда баъзе қисмҳои моддаҳои 104, 138 ва 139 ба ҷиноятҳои махсусан вазнин дахл доранд. Ба ҳамин сабаб онҳо дар ҳайати судя ва ду машваратчии халқӣ ба таври коллегиалӣ баррасӣ шуданд.

*Ҷадвали 2. Ҳайати суд*

| | Модда | 104 | 109 | 110 | 111 | 112 | 117 | 138 | 139 | 140 | 141 | 142 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Судя** | Зан | | 2 | 1 | 5 | | 1 | | 1 | | 3 | 3 | **16** |
| | Мард | 8 | 5 | 3 | 9 | 2 | 9 | 12 | 12 | 1 | 18 | 9 | **88** |
| **Ҳамагӣ** | | **8** | **7** | **4** | **14** | **2** | **10** | **12** | **13** | **1** | **21** | **12** | **104** |
| **Машваратчии халқӣ** | Зан | 6 | | | | | | 6 | 6 | | | | **18** |
| | Мард | 10 | | | | | | 12 | 16 | | | | **38** |

Аксарияти судяҳоеро, ки парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ карданд, мардон ташкил доданд. Аз 104 судя 18 фоизро занон ташкил доданд. Дар хусуси машваратчиёни халқӣ бошад, дар ин ҷо намояндагии занон бештар буд. Онҳо 47 фоизи шумораи умумии машваратчиёни халқиро, ки дар муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятиеиштирок доштанд, ки мувофиқи моддаҳои 104, 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш гирифта шудаанд.

## Қисми 2. Парвандаҳои ҷиноятии зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии шаҳвонӣ

### 2.1. Профили шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд

Азбаски баъзе парвандаҳои интихобшуда зиёда аз як шахси содирнамудаи ҷиноятро дар бар мегирифтанд, шумораи умумии онҳо дар 104 парвандаи интихобшуда 110 нафарро ташкил дод. Барои арзёбии профили шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, як қатор тавсифномаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз ҷумла ҷинс, таҳсилот, шуғл, вазъи оилавӣ, шаҳрвандӣ, доштани маъюбӣ ва доғи судӣ истифода бурда шуданд.

[1] Моддаи 34-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз шумораи умумии шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, мардон нисбат ба занон (103 мард ва 7 зан) аксариятро ташкил медиҳанд. Ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ аз ҷониби мардон дар парвандаҳои ҷиноятии интихобшуда содир карда шудаанд. Аз байни шахсоне, ки ҷиноятҳои зеринро аз категорияи зӯроварӣ дар оила содир кардаанд, ҳафт нафарро занон ташкил медиҳанд: Моддаи 104 «одамкушӣ» (2 зан); Моддаи 109 «ба худкушӣ расонидан» (1 зан); Моддаи 111 «қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» (3 зан) ва моддаи 117 «азобу уқубат» (1 зан). (Ҷадвали 3)

*Ҷадвали 3. Ҷинси шахсони содирнамудаи ҷиноят аз рӯи моддаҳо.*

| **Модда** | **Мард** | **Зан** | **Модда** | **Мард** | **Зан** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Зӯроварӣ дар оила** | | | **Зӯроварии шаҳвонӣ** | | |
| **104** | 7 | 2 | **138** | 14 | |
| **109** | 6 | 1 | **139** | 14 | |
| **110** | 4 | | **140** | 2 | |
| **111** | 11 | 3 | **141** | 21 | |
| **112** | 2 | | **142** | 13 | |
| **117** | 9 | 1 | | | |
| **Ҳамагӣ** | **39** | **7** | | **64** | |

*Диаграммаи 3. Шахсони содирнамудаи ҷиноят аз рӯи шаҳрвандӣ.*




Аз 110 тане, ки ҷиноят содир кардаанд, 109 тан шаҳрвандони Тоҷикистон буданд. Як ҷинояти пешбинишуда дар моддаи 141 «Алоқаи ҷинсӣ ва дигар кирдорҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахси то шонздаҳсола» аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ содир шудааст (Диаграммаи 3).

Синни расидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон 16 сол аст. Шахсоне, ки ба синни 14 расидаанд, барои содир кардани одамкушӣ (моддаи 104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 110), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 111), таҷовуз ба номус (моддаи 138), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139) ва зӯроварӣ (моддаи 19) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.[2] Ноболиғон шахсоне мебошанд, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят ба синни 14-солагӣ расида, вале ба синни 18-солагӣ нарасидаанд.[3] Аз ин рӯ, тақсими шахсони содирнамудаи ҷиноят аз рӯи синну сол аз гурӯҳи 14-17-сола оғоз мешавад.

[2]Моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
[3]Моддаи 86-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Диаграммаи 4. Шахсони содирнамудаи ҷиноят аз рӯи синну сол ва намуди зӯроварӣ.*




Тақсимоти ашхоси содирнамудаи ҷиноят аз рӯи синну сол нишон дод, ки тақрибан 60 фоиз ба синну соли 18-25 ва 26-25 сола (68 нафар аз 100 нафар шахси содирнамудаи ҷиноят) тааллуқ доранд. Аз рӯи намудҳои зӯроварӣ ноболиғон нисбат ба гурӯҳҳои синну соли калонсол бештар бар зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир кардаанд (Диаграммаи 4).

*Диаграммаи 5. Вазъи оилавии шахсони содирнамудаи ҷиноят аз рӯи намуди зӯроварӣ.*




Аз рӯи намудҳои зӯроварӣ аксарияти шахсоне, ки бар зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир кардаанд, муҷаррад буданд. Дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила аксарияти онҳое, ки ин ҷиноятҳоро содир кардаанд, издивоҷ кардаанд (пайванди онҳо ё дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ё ба тариқи никоҳ ба қайд гирифта шудааст) (Диаграммаи 5).

Аз се ду ҳиссаи онҳое, ки ҷиноят содир кардаанд (69 фоиз) бекор буданд (Диаграммаи 6). Аксарияти одамоне, ки ҷиноят содир кардаанд, таҳсилоти муайяне доштанд. 47 фоизи онҳое, ки ҷиноят содир кардаанд, таҳсилоти миёна ва 30 фоизи онҳо таҳсилоти миёнаи нопурра доштанд. 12 фоизи онҳое, ки ҷиноят содир кардаанд, таҳсилоти олӣ доштанд. (Диаграммаи 7).

*Диаграммаи 6. Шуғли шахсони содирнамудаи ҷиноят*




*Диаграммаи 7. Таҳсилоти шахсони содирнамудаи ҷиноят*



Аз 110 нафаре, ки ҷиноят содир кардаанд, чор нафарашон маъюб буданд. Ду нафари онҳо мушкилоти равонӣ доштанд. Яке аз онҳо тибқи моддаи 109 "Ба худкушӣ расонидан" ҷиноят содир кардааст. Ду нафари боқимонда маъюбияти ҷисмонӣ доштанд ва тибқи моддаи 111 "Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ" ҷиноят содир кардаанд.

Дар мавриди мавҷудияти доғи судӣ бошад, аз 110 нафаре, ки ҷиноят содир кардаанд, ҳашт нафарашон доғи судӣ доштанд. Як кас аз ҳашт нафар ба хотири фиристода шуданаш ба табобати маҷбурӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуд. Боқимондаҳо қаблан барои қаллобӣ (Моддаи 247-и Кодекси ҷиноятӣ), дуздӣ (Моддаи 244-и Кодекси ҷиноятӣ), авбошӣ (Моддаи 237-и Кодекси ҷиноятӣ), ғоратгарӣ (Моддаи 248) ва худсарӣ (моддаи 334-и Кодекси ҷиноятӣ) суд шудаанд. Яке аз шахсоне, ки барои алоқаи ҷинсӣ ва дигар кирдорҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахси ба синни шонздаҳ нарасида маҳкум шудаанд, қаблан барои амалҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139 КҶ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буд. Яке аз маҳкумшудагон қаблан дар Федератсияи Русия барои содир кардани дуздӣ (моддаи 158-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия) суд шудааст.

### 2.2. Профили шахсони ҷабрдида

Шумораи умумии ҷабрдидагон дар парвандаҳои интихобшуда 113 нафарро ташкил дод. Аксарияти онҳоро занон ташкил медиҳанд (100 нафар аз 113 нафар) (Ҷадвали 4). Дар баъзе парвандаҳои ҷиноятӣ чанд ҷабрдида буданд. Масалан, дар як парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаи 139 панҷ нафар ҷабрдида ҳисобида шудаанд. Ҳама ҷабрдидагон шаҳрвандони Тоҷикистон будаанд, ба ҷуз як ҷабрдида.

*Ҷадвали 4. Шахсони ҷабрдида аз рӯи ҷинс, модда ва намуди зӯроварӣ.*

| Модда | Мард | Зан | Модда | Мард | Зан |
|---|---|---|---|---|---|
| **Зӯроварӣ дар оила** | | | **Зӯроварии шаҳвонӣ** | | |
| **104** | 1 | 8 | **138** | | 14 |
| **109** | | 7 | **139** | 7 | 11 |
| **110** | | 4 | **140** | | 1 |
| **111** | 1 | 13 | **141** | 3 | 18 |
| **112** | | 2 | **142** | 1 | 12 |
| **117** | | 10 | | | |
| **Ҳамагӣ** | **2** | **44** | | **11** | **56** |

Аз рӯи гурӯҳҳои синнӣ ҷабрдидагон сар карда аз синни дусолагӣ ба гурӯҳҳои синнусолӣ ҷудо мешаванд. Аз шумораи умумии ҷабрдидагони ноболиғ, ду ҷабрдида тибқи моддаҳои 138 ва 139-и Кодекси ҷиноятӣ 4 сола буданд. Ҷабрдидагон аз гурӯҳҳои синну соли 2-13 ва 14-17 тақрибан нисфи шумораи умумии ҷабрдидагонро ташкил доданд.

*Диаграммаи 8. Синну соли ҷабрдидагон аз рӯи намуди зӯроварӣ.*




Аз рӯи намудҳои зӯроварӣ кӯдакон асосан аз ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ зарар мебинанд. Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила асосан аз гурӯҳҳои синну соли баркамол буданд. Нисфи онҳо дар гурӯҳи 26-35 сола буданд. (Диаграммаи 8).

*Диаграммаи 9. Вазъи оилавии ҷабрдидагон*

Азбаски бисёре аз ҷабрдидагон ҷавон буданд, онҳо муҷаррад ё бе шавҳар буданд (71 нафар аз 113 ҷабрдида). Дар муқоиса бо зӯроварӣ дар оила, ҷабрдидагони ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ бештар муҷаррад ё бе шавҳар буданд. Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар аксари мавридҳо ҳамсардор ҳастанд ё издивоҷ карда буданд. (Диаграммаи 9).



*Диаграммаи 10. Шуғли шахсони ҷабрдида*




Аксари ҷабрдидагон (69 фоиз) бекор буданд. (Диаграммаи 10).

*Диаграммаи 11. Таҳсилоти шахсони ҷабрдида*




Аз рӯи дараҷаи таҳсилот 33 фоизи ҷабрдидагон таҳсилоти миёна, 49 фоиз таҳсилоти миёнаи нопурра ва 7 фоиз таҳсилот надоштанд. (Диаграммаи 11).

Аз 113 ҷабрдида се нафарашон маъюб буданд. Бо вуҷуди ин, танҳо як ҷабрдида маъюбии ҷисмонии тасдиқшуда дошт. Ду ҷабрдидаи дигар маъюбии тасдиқшуда надоштанд, вале дар ҷараёни мурофиаи судӣ дар натиҷаи ташхиси равонпизишкии судӣ маълум шуд, ки онҳо нуқсони рӯҳӣ (ақибмондагии ақлонӣ) доранд.

**2.3. Муносибатҳои байни шахсони ҷабрдида ва шахсони содирнамудаи ҷиноят**

Дар парвандаҳои зӯроварӣ дар оила, ҳангоми интихоби парвандаҳои ҷиноятӣ диққати асосӣ ба муносибати байни ҷабрдидагон ва шахсони содирнамудаи ҷиноят равона шудааст. Дар ин мавридҳо дар 71 дарсади ҳолатҳо ҷабрдида ва шахси содирнамудаи ҷиноят робитаи маҳрамона доштанд. Ба ин гурӯҳ ҳамсарон, ҳамсарони собиқ, шахсони ҳамхона ва шахсони ҳамхонаи собиқ шомил буданд. (Диаграммаи 12). Ин парвандаҳо мумкин аст ба категорияи парвандаҳо вобаста ба зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ (ҳамбистар) дохил карда шаванд.

*Диаграммаи 12. Муносибатҳои байни ҷабрдидагон ва шахсони содирнамудаи ҷиноят дар ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила*




Ҳолатҳои боқимондаро (29 фоиз) метавон ба категорияи зӯроварии оилавии байни наслҳо шомил кард, зеро ҷабрдидагон ва шахсони содирнамудаи ҷиноят волидайн ва фарзандон, бародарону хоҳарон, хешовандони зану шавҳар, инчунин дигар робитаҳои оилавӣ, аз ҷумла хушдоману келин, хусур ва келин, додару келин ва хоҳарон буданд.

Дар парвандаҳои ҷиноятии зӯроварии шаҳвонӣ, дар аксари ҳолатҳо ҷабрдидагон ва содиркунандагони ҷиноят ягон муносибати хешовандӣ надоштанд (44 ҳолат аз 59 ҳолат) (Ҷадвали 5).

*Ҷадвали 5. Муносибати байни ҷабрдидагон ва шахсони содирнамудаи ҷиноят дар ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ.*

| Муносибат | 138 | 139 | 140 | 141 | 142 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Муносибат нест | 5 | 9 | 1 | 18 | 11 | 44 |
| Падару модар ва фарзандон | 2 | 1 | | | | 3 |
| Бародару хоҳар | 2 | 1 | | | | 3 |
| Падари угай ва духтари угай / писари угай | 1 | 1 | | | | 2 |
| Шарики шаҳвонӣ (аз ҷумла собиқ) | 2 | | | | | 2 |
| Амак/тағо, ҷиян (духтар ё писар) | | 1 | | | | 1 |
| Фарзандони амак/тағо | | | | 1 | | 1 |
| Дигар хешовандон | | | | 1 | | 1 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Омӯзгор ва шогирд | | | | 1 | | 1 |
| Ҳамсояҳо | | | | | 1 | 1 |

*Диаграммаи 13. Муносибати байни ҷабрдидагон ва шахсоне, ки тибқи моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятӣ ҷиноят содир кардаанд.*




Таҳқиқи муносибатҳои байни ҷабрдидагони ҷиноятҳои вазнинтар тибқи моддаҳои 138 (таҷовуз ба номус) ва 139 (амалҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ) нишон дод, ки дар 56 дарсади ҳолатҳо ҷабрдидагон ва шахсони содирнамудаи ҷиноят бо ҳамдигар шинос буданд ё муносибатҳои хешовандӣ доштанд. (Ҷадвали 5 ва Диаграммаи 13).

**2.4. Айбдоркунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятии интихобшуда**

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки вобаста ба хусусият ва вазнинии ҷиноят айбдоркунӣ дар суд ба такри хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ сурат мегирад (моддаи 24). Парвандаҳои вобаста ба ҷиноят, ба истиснои моддаҳои 112 ва 116-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои айбдоркунии умумӣ мебошанд. Моддаҳои 112 ва 116-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ мебошанд, яъне бо аризаи ҷабрдидагон ё намояндагони қонунии онҳо оғоз гардида, бо оштии тарафҳо қатъ мегардад. Аз парвандаҳои таҳқиқшуда 103-тоаш парвандаи айбдоркунии умумӣ буданд. Як парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаи 112 Кодекси ҷиноятӣ парвандаи айбдоркунии хусусӣ буд. Шавҳари М.Р дар ҳолати мастӣ бо таъсири машруботи алкогол, бе ягон сабаб бо ҳамсараш М.З ҷанҷол оғоз намуда, ӯро лату кӯб карда, ба саломатиаш зарари сабук расонидааст. М.З ба ШВКД бо ариза барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ бар зидди шавҳараш муроҷиат кардааст, аммо дархости ӯ дар мавриди

оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст. Ёрдамчии прокурор қарори ШВКД-ро дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор карда, тибқи моддаи 112-и Кодекси ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ боз кард ва ҳангоми баррасии парванда дар суд айбдоркуниро дастгирӣ намуд.

## 2.5. Вақт ва макони содир кардани ҷиноятҳо

Дар мавриди макони ҷиноят ҷиноятҳо ҳам дар хона ва ҳам дар саҳни ҳавлӣ содир мешуданд ва ё метавонистанд дар кӯча сар шуда, дар хона идома ёбанд. Аксари ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила дар хона рух додаанд (44 ҳолат аз 46 ҳолат). (Диаграммаи 14)

*Диаграммаи 14. Макони содир кардани ҷиноят*




Зӯроварии шаҳвонӣ бештар дар хона (ҳуҷра, хона, манзили иҷора) назар ба дигар маконҳо рӯй додааст. (Диаграммаи 14). Аз ҷумлаи маконҳои дигар, ин ҷиноятҳо дар саҳни ҳавлӣ, дар соҳили дарё, дар саҳро, меҳмонхона, бозор ва мактаби варзишӣ содир карда шудаанд.

*Диаграммаи 15. Вақти содир шудани ҷиноятҳо*




Дар аксари мавридҳо ҷиноятҳо рӯзона содир шудаанд. Аз 104 ҷиноят 7 тоаш шабона содир шудааст. Ғайр аз ин, чанде аз ҷиноятҳо чанд ҳолат доштанд, ки мумкин аст як рӯзи пурра ё чанд рӯз давом кардаанд (масалан, дар мавриди азобу уқубат ё амалҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ). (Диаграммаи 15).

## 2.6 . Парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба зӯроварӣ дар оила

### 2.6.1. Бандубасти ҷиноятҳо

Дар 44 фоизи парвандаҳо аз шумораи умумии парвандаҳои марбут ба категорияи «зӯроварӣ дар оила» аломатҳои бандубасткунанда мавҷуд буданд (Диаграммаи 16). Парвандаҳои мутобиқи моддаҳои 110, 111, 112-и Кодекси ҷиноятӣ (ҷароҳатҳои бадании дорои дараҷаҳои гуногуни вазнинӣ), ки дар рафти таҳқиқот баррасӣ шуданд, аломатҳои бандубасткунанда надоштанд.

*Диаграммаи 16. Бандубасти ҷиноятҳои вобаста ба парвандаҳо дар категорияи «зӯроварӣ дар оила».*




Аз ҳашт парванда тибқи моддаи 104-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз моддаи 32-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сӯиқасд ба одамкушӣ баҳо дода шудааст. Тибқи моддаи 109-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ҳолат шаштоаш зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ (ҳамбистар) мебошанд, ки дар зӯроварии доимӣ дар оила ҳам ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ ифода ёфтаанд, ки шавҳарон/шарикони шаҳвонӣ нисбат ба занон/ ҳамбистарони худ содир кардаанд. Тибқи моддаи 109-и Кодекси ҷиноятӣ, қасди ба худкушӣ расонидани шахс ҷинояти анҷомшуда маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, ҷазодиҳӣ тибқи ин модда ҳамчун амали ба худкушӣ расонидан ва ҳам сӯиқасд ба худкушӣ пешбинӣ шудааст. Ду ҳолат аз 7 ҳолат мутобиқи моддаи 109-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳолати марг анҷом ёфт. Аз рӯи панҷ парванда тибқи ҳамин модда кирдори айбдоршавандагон тибқи қисми 2 моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф шуданд, яъне расонидан ба худкушӣ ё сӯиқасд ба шахс аз роҳи таҳдид, муносибати бераҳмона ё мунтазам паст задани шаъну шарафи инсонии ҷабрдида, ки нисбат ба шахсе, ки дар вобастагии моддӣ ё дигар намуди вобастагӣ аз айбдоршаванда қарор доштааст ё нисбат ба ноболиғ содир шудааст.

Мутобиқи моддаи 117-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – азобу уқубат дар 9 парванда аз 10 парвандаи ҷиноятӣ кирдори айбдоршавандагон тибқи қисми 2, банди «в»-и моддаи 117 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст шуданд, яъне расонидани азобҳои ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бо роҳи истифодаи мунтазами латукӯб ё дигар шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба шахсе, ки дидаву дониста ноболиғ аст ё шахсе, ки дидаву дониста дар вобастагии моддӣ ё дигар намуди вобастагӣ аз айбдоршаванда қарор дорад, ҳамчунин шахсони гаравгон гирифташуда, агар ин кирдор боиси расонидани зарари вазнин, миёна ё сабук ба саломатӣ нагардида бошад.

Аз 10 парванда, 9 парванда зӯроварии шарики шаҳвониро дар бар мегирад, яъне зӯроварӣ нисбат ба ҳамсар ё зани ҳамбистар содир шудааст.

### 2.6 .2. Ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила

Дар парвандаҳое, ки ба категорияи «зӯроварӣ дар оила» дохил мешаванд, ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила ва ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахсони содирнамудаи зӯроварӣ дар оила мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

*Диаграммаи 17. Ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила.*




Санҷиш нишон дод, ки 60 фоизи парвандаҳо (аз 28 парванда аз 45 парвандаи ин категория) дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдидагон (Диаграммаи 17) пеш аз ҷиноят маълумот мавҷуд буд. Аммо танҳо дар як парванда тибқи қисми 1 моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки ин ҷиноятро содир кардааст, қаблан бо моддаи 93.1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда буд. Дар мавриди боз як парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаи 117 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷабрдида борҳо барои ташхиси томография, инчунин ба муассисаҳои ташхиси судию тиббӣ барои сабти ҷароҳатҳои ҷисмонӣ муроҷиат кардааст, вале кормандони соҳаи тиб дар бораи зӯроварии хонаводагӣ боре ҳам ба мақомоти корҳои дохилӣ хабар надодаанд.

### 2.6.3. Рафтори назораткунанда ҳамчун шакли зӯроварӣ дар оила

Дар Тоҷикистон қонунгузорӣ пешбинӣ накардааст, ки яке аз навъҳои зӯроварӣ дар оила рафтори назораткунанда, яъне маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои як узви оила нисбат ба дигараш ва назорат аз болои рафтор мебошад. Яке аз манбаъҳои таҳсилот дар бораи амалияи рафтори назораткунанда "Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ дар Тоҷикистон" мебошад. Дар соли 2017, натиҷаҳои "Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ дар Тоҷикистон" нишон доданд, ки 74 дарсади занони пурсидашуда гуфтаанд, ки маъмултарин рафтори назораткунандаи

шавҳаронашон рашк ва хашм аст, агар зан бо мардони дигар суҳбат кунад. 53 дарсади занҳо гуфтаанд, ки шавҳарашон ҳамеша исрор мекунад, ки дар куҷо будани ӯро донад ва 29 дарсад хабар доданд, ки шавҳарашон ба онҳо иҷозат намедиҳанд, ки бо дугонаҳояшон мулоқот кунанд. Шумораи камтар гузориш доданд, ки шавҳарашон аксари вақтҳо онҳоро ба хиёнат муттаҳам мекунад (18 фоиз) ва тамоси онҳоро бо оилаашон маҳдуд мекунад (12 фоиз).[4]

Дар раванди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ истифодаи рафтори назораткунанда аз ҷониби шахсоне, ки нисбат ба ҷабрдида ҷиноят содир намудаанд ва мавҷудияти чунин маълумот дар парвандаҳои ҷиноятӣ баррасӣ карда шуданд. Тафтиш нишон дод, ки судҳо ҳангоми тавсифи далелҳои парванда рафтори назораткунандаро тафтиш мекунанд. Дар 23 парвандаи ҷиноятӣ аз 45 парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаҳои 104 (одамкушӣ), 109 (Ба худкуши расонидан ва 117 (азобу уқубат) намудҳои зерини рафтори назораткунанда тавсиф шудаанд:

- Ӯ исрор кардааст, ки ҷабрдида барои аёдати волидонаш аз ӯ ё хешовандонаш иҷозат бигирад.
- Агар вай бо мардони дигар суҳбат кунад, ӯ хашмгин мешуд.
- Ӯ исрор мекард, ки ба ӯ бигӯяд, ки ҳоло дар куҷост.
- Ба ӯ имкон намедиҳад, ки бо дугонаҳояш вохӯрад/ норозигӣ баён мекунад.
- Шубҳа мекунад, ки хиёнат кардааст.
- Муошират бо хешовандонро манъ мекунад.
- Истифодаи телефони мобилиро манъ мекунад.
- Кор карданро манъ мекунад.

Ҷавобҳо ба савол дар бораи мавҷудият ва намудҳои рафтори назораткунанда гуногун буданд. Ҳамин тариқ, як парванда метавонад чанд мисоли рафтори назораткунандаро тавсиф кунад. Бо вуҷуди ин, намуди маъмултарини рафтори назораткунанда дар парвандаҳои ҷиноятӣ шубҳа ба хиёнат буд.

### 2.6.4. Таъиноти хусусӣ дар парвандаҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила

Мутобиқи моддаи 35-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар баррасии судии парвандандаи ҷиноятӣ вайроншавии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва ҳамчунин вайроншавии муқаррароти қонун ҳаноми истеҳсолоти таҳқиқкунӣ, тафтишоти пешакӣ ё баррасии парванда аз ҷониби суд роҳ додашуда ошкор карда шаванд, судя метавонад дар мавриди шахсони ба

[4]Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ICF. 2018. Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ дар Тоҷикистон 2017. Душанбе, Тоҷикистон ва Роквилл, Мэриленд, ИМА: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон ва ICF, саҳ.239.

ҳуқуқвайронкунӣ роҳдода таъиноти (қарори) хусусӣ содир кунад. Онҳо метавонанд дар ҳолатҳои дигар низ таъиноти хусусӣ қабул кунанд. Дар 13 парванда аз 45 парвандаи ҷиноятӣ судҳо таъиноти хусусӣ баровардаанд. Асосан, онҳо вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи моддаҳои 104, қисми 5 ва 111, қисми 3 содир шудаанд.

*Диаграммаи 18. Мақомоте, ки ба онҳо қарорҳои хусусӣ фиристода шудаанд*




Шумораи зиёди таъиноти хусусӣ да нишонии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ (ШВКД) ва кумитаи маҳалла қабул карда шудаанд. (Диаграммаи 18) Таъиноти хусусие, ки ба ШВКД дода шудаанд, ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва беҳтар намудани кори нозирони минтақавӣ дахл доранд. Танҳо се таъиноти хусусӣ бевосита ба масъалаи зӯроварӣ дар оила бахшида шудаанд. Як таъиноти хусусӣ ба нишонии ҷамоат, дигараш ба раиси кумитаи маҳалла дар бораи зарурати пешгирии нофаҳмиҳо дар оила қабул шуда буданд. Дар бораи зарурати гузаронидани корҳои профилактикӣ вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ба мудири шуъбаи ноҳиявии Кумитаи кор бо занон ва оила як таъиноти хусусӣ қабул карда шуд.

### 2.7. Парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварии шаҳвонӣ

#### 2.7.1. Бандубасти ҷиноятҳо

Парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дорои таснифи мураккабтар буда, зеро дар баъзе ҳолатҳо шахсон маҷмӯи ҷиноятҳо, яъне таҷовуз ба номус мутобиқи моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвониро мутобиқи моддаи 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мутобиқи моддаҳои 147-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – вайрон кардани дахнопазирии манзил, моддаи 120-и Кодекси ҷиноятӣ – таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, моддаи 130-и Кодекси ҷиноятӣ – одамрабоӣ содир кардаанд. Дар маҷмӯъ, дар 48 фоизи парвандаҳои ҷиноятӣ ҷиноятҳо дорои аломатҳои бандубасткунанда буданд, ки ҷазоҳои сахттарро дар бар мегирифтанд (Диаграммаи 19).

*Диаграммаи 19. Бандубасти ҷиноятҳо бар зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ*




Аломатҳои бандубасткунандаи парвандаҳои таҳқиқшуда инҳо буданд: содир намудани ин ҷиноятҳо нисбат ба шахсе, ки баръало ба синни 14 нарасида, ноболиғ ё хеши наздик буд.

### 2.7.2. Набудани розигӣ дар ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ

Дар рафти баррасии парвандаҳои зерин таҷрибаи судҳо ва муфаттишон вобаста ба арзёбии набудани розигӣ дар ҷиноятҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифт.[5]

*Диаграммаи 20. Муқаррар намудани набудани розигӣ*




Дар ҳамаи парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ баррасишуда судҳо набудани розигиро дар асоси

[5] Кодекси ҷиноятӣ ва қарори Пленуми Суди Олии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010 No16 ва аз 18 ноябри соли 2013, No16 ворид карда шудаанд)» аз муфаттишон ва судяҳо талаб намекунад, ки масъалаи набудани розигиро омӯзанд. Тибқи муқаррароти ин ҳуҷҷатҳо, судяҳо низ бояд истифодаи зӯроварӣ ва таҳдиди зӯровариро тафтиш кунанд. Бо вуҷуди ин, талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҳангоми муайян кардани зӯроварии шаҳвонӣ риоя накардани розигии ҷабрдидаро муқаррар мекунад, зеро зӯроварӣ ва таҳдиди зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида нишонаи ошкори зӯроварии шаҳвонӣ мебошад.

нишондодҳои ҷабрдидагон (44 ҷавоб), синну соли ҷабрдида (13 ҷавоб) ва хулосаи ташхиси судию тиббии (ТСТ) ҷабрдида (16 ҷавоб) муқаррар кардаанд (Диаграммаи 20).

Муқаррар намудани набудани розигӣ бо таносуби фоизӣ дар асоси нишондодҳои ҷабрдида таҷрибаи маъмултарини муқаррар кардани набудани розигӣ буд (Диаграммаи 21).

Ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи парвандаҳои таҳқиқшуда, судҳо омӯзгорон / равоншиносон, инчунин намояндагони қонуниро, дар ҳолати ноболиғ будани ҷабрдида, ҷалб намуданд. Илова бар ин, ба сифати намояндаи қонунӣ дар парвандаҳои таҳқиқшуда натанҳо падару модарон, балки омӯзгорон ва намояндагони комиссияҳои кор бо ноболиғон низ ҷалб карда шуданд. Дар баъзе мавридҳо намояндагони Ваколатдор вобаста ба ҳуқуқи кӯдак ҷалб шуда буданд.

*Диаграммаи 21. Суръати тарзи муқаррар намудани розигӣ*




Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин ҷиноятҳо дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ чораҳои махсуси муҳофизати ҷабрдида аз тамос бо шахси содирнамудаи ҷиноят, аз ҷумла манъи бозпурсии ҷабрдида дар ҳузури шахси содирнамудаи ҷиноят пешбинӣ нашудааст. Ҳарчанд ягон ҳолати таҳдиду фишор аз ҷониби ҷинояткор ё хешовандони ӯ ба ҷабрдида ва наздикони ӯ ошкор нашудааст, бозпурсии ҷабрдида дар ҳузури шахси айбдоршаванда дар рафти мурофиаи судии парванда амалияи маъмул мебошад. Дар баробари ин, дар баъзе ҳолатҳо ноболиғон дар рафти мурофиа аз толор бароварда мешуданд. Новобаста аз ин, онҳо дар ҳузури шахси айбдоршаванда нишондод дода буданд. Дар рафти тафтишот ҳолатҳои рӯбарӯ шудани шахси айбдоршаванда ва ҷабрдида дар парвандҳои зӯроварии шаҳвонӣ, дар ҳолате ки ҷабрдида кӯдак буд, мушоҳида шудааст. Танҳо дар як парвандаи ҷиноятӣ тибқи моддаи 138 ҷабрдида кӯдаки 4-сола бо қарори суд дар мурофиа иштирок накардааст.

### 2.8. Дастрасии ҷабрдидагон ба ёрии ҳуқуқӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ

Дар Тоҷикистон дастрасии ёрии ҳуқуқии ройгон (аз тарафи давлат имтиёздодашуда) ба ҷабрдидагон дар парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби давлат кафолат дода намешавад. Дар рафти таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ масъалаи дар марҳилаи тафтишот ва дар марҳилаи баррасии парванда дар суд ҳузур доштани ҳимоятгар аз тарафи ҷабрдидагон ва шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

*Ҷадвали 6. Таъмини шахсони содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдидагон бо ёрии ҳуқуқӣ дар марҳилаи тафтишот ва мурофиаи судӣ*

| Моддаи | Ҳимоятгар | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсе, ки ҷиноят содир кардааст | | | | Ҷабрдидагон | | | |
| | Тафтишот | | Суд | | Тафтишот | | Суд | |
| | Мавҷуд буд | Мавҷуд набуд | Мавҷуд буд | Мавҷуд набуд | Мавҷуд буд | Мавҷуд набуд | Мавҷуд буд | Мавҷуд набуд |
| 104 | 8 | | 8 | | | | | 8 |
| 109 | 1 | 6 | 2 | 5 | | 7 | 1 | 6 |
| 110 | | 4 | 1 | 3 | | 4 | | 4 |
| 111 | 2 | 12 | 2 | 12 | | 14 | | 14 |
| 112 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 |
| 117 | 3 | 7 | 2 | 8 | | 10 | | 10 |
| 138 | 8 | 4 | 11 | 1 | | 12 | 4 | 8 |
| 139 | 11 | 2 | 11 | 2 | 1 | 12 | 1 | 12 |
| 140 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 |
| 141 | 11 | 10 | 12 | 9 | | 21 | 2 | 19 |
| 142 | 5 | 7 | 5 | 7 | 1 | 11 | 3 | 9 |
| **Ҳамагӣ** | **49** | **55** | **54** | **50** | **2** | **94** | **11** | **93** |

Тавре ки дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст, ёрии ҳуқуқӣ дар парвандаҳои таҳқиқшуда барои шахсони содиркунандаи ҷиноят дар муқоиса бо ҷабрдидагон дастрастар буд. Тақрибан 50 дарсади шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар рафти тафтишот ва мурофиа ҳимоятгар доштанд. Дар мавриди ҷабрдидагон бошад, онҳо асосан барои ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ

ҳимоятгар доштанд. Ин хидматрасониҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ», ки вазифаи он ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон мебошад, расонида шудааст.

*Диаграммаи 22. Мавҷуд будани ҳимоятгар барои шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд*




Давлат ба шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, аз 49 парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаи тафтишот дар 16-тоаш ва аз 54 парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаи судӣ дар 11-тоаш ёрии ҳуқуқӣ расонидааст (Диаграммаи 19).

*Диаграммаи 23. Моддаҳое, ки аз рӯи онҳо ба шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, ёрии ҳуқуқӣ таъмин карда шуд*




Тавре ки дар диаграммаи 20 нишон дода шудааст, ёрии ҳуқуқӣ асосан дар парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ расонида мешуд.

**2.9. Натиҷаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо**

Вобаста ба таъйини ҷазо аз тарафи суд, аз 104 парвандаи ҷиноятӣ дар суд 102-тоаш бо ҳукми айбдоркунӣ анҷом ёфтанд ва 2 парвандаи дигар аз рӯи моддаи 141-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қатъ гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ бо сабаби авф ва шартан татбиқ накардани ҷазо бо татбиқи мӯҳлати санҷишӣ ба муддати 1 сол анҷом ёфтанд.

*Диаграммаи 24. Ҷазое, ки айбдоркунандаи давлатӣ талаб кардааст ва аз ҷониби суд таъйин шудааст.*




Барои таҳқиқи тафовут дар ҷазоҳое, ки айбдоркунандаи давлатӣ дар сухани айбдоркунӣ дархост кардааст ва аз тарафи суд таъйин шудаанд, ҷавобҳо ба се гурӯҳ тақсим карда шуданд: 1) бе тағйирот, яъне байни ҷазои дархостшудаи айбдоркунандаи давлатӣ ва ҷазои таъйиннамудаи суд ягон тафовут мавҷуд набуд; 2) пасттар, яъне вақте ки ҷазои таъйинкардаи суд аз дархости айбдоркунандаи давлатӣ пасттар буд; 3) баландтар, яъне ҷазое, ки суд таъйин кардааст, аз дархости айбдоркунандаи давлатӣ баландтар буд.

Дар асоси чунин тақсимоти ҷавобҳо аз рӯи гурӯҳҳо маълум гардид, ки дар 68 фоизи парвандаҳои ҷиноятӣ (ё аз 103 парвандаи ҷиноятӣ дар 70-тоаш) аз ҷониби судҳо нисбат ба дархости айбдоркунандаи давлатӣ ҷазо пасттар таъйин шудааст. Агар ҷавобҳоро аз рӯи намудҳои зӯроварӣ тақсим кунем, пас дар парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ аз 53 парвандаи ҷиноятӣ дар 43-тоаш судҳо ҷазоро пасттар таъйин кардаанд дар муқоиса ба он, ки айбдоркунандаи давлатӣ дар 25 парвандаи ҷиноятӣ 45-тоаш дар категорияи «зӯроварӣ дар оила» дархост кардааст (Диаграммаи 24). Дар мавриди тафовути парвандаҳои ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ бояд қайд кард, ки дар байни шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир кардаанд, нисбат ба шахсоне, ки дар категорияи «зӯроварӣ дар оила» ҷиноят содир кардаанд, ноболиғон зиёдтар буданд. Дар боби 14-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои таъйини ҷазо барои ноболиғон муқаррар шудааст, ки аз қоидаҳои айбдоршавандаҳои болиғ фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, ба ноболиғоне, ки ҷиноятҳои сабук ва миёна содир кардаанд, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин карда намешавад. Он мумкин аст ба ноболиғони то 16-сола, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнинро содир намудаанд, ба муҳлати то ҳафт сол таъйин карда шавад. Барои ноболиғони аз 16 то 18 сола, агар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир карда бошанд, маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 10 сол муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми таъйини ҷазо судҳо бештар ҳолатҳои сабуккунандаро нисбат ба ҳолатҳои вазнинкунанда истифода мекарданд. Дар 72 парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят ба инобат гирифта нашудаанд, зеро баъзе аз ин ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят аломатҳои таснифкунандаи ҷиноят буда, бевосита дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Суд ҳуқуқ дорад чанд ҳолати сабуккунандаро ба инобат гирад. Аз ин рӯ, ҷавобҳо ба савол дар бораи татбиқи ҳолатҳои сабуккунанда сершумор буданд.

*Диаграммаи 25. Истифодаи ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо*




Ҳолатҳои маъмултарини сабуккунандаи ҷазо, ки судҳо ҳангоми таъйини ҳукм ба назар мегиранд, инҳо буданд: бори аввал содир намудани ҷиноят (87 ҷавоб), инчунин сидқан пушаймоншавии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст (85 ҷавоб). Ҳолати дигари маъмул доштани кӯдакони хурдсол буд (26 ҷавоб). Ҳолатҳои дигаре, ки дар байни 20 ҷавоб мавҷуд буданд, иборатанд аз: кумаки фаъол дар ошкор кардани ҷиноят, бемории рӯҳии айбдоршаванда, мавҷудияти маъюбӣ (гурӯҳҳои 1 ва 3), синну соли нафақавии айбдоршаванда, дар оила таъминкунандаи ягона будани айбдоршаванда ва даъво надоштани ҷабрдида (Диаграммаи 25).

*Диаграммаи 26. Истифодаи ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо*




Суд ҳуқуқ дорад чанд ҳолати вазнинкунандаро ба инобат гирад. Аз ин рӯ, ҷавобҳо ба савол дар бораи татбиқи ҳолатҳои вазнинкунанда сершумор буданд. Дар парвандаҳои ҷиноятие, ки ҳолатҳои вазнинкунанда дар назар гирифта мешаванд, инҳо нишон дода мешаванд: содир кардани ҷиноят нисбат ба кӯдаки хурдсол, ноболиғон (9 ҷавоб), ба вуҷуд омадани оқибатҳои вазнин (8 ҷавоб), мастӣ (6 ҷавоб). Ба гурӯҳи «дигар» ҳолатҳои зерин, ба

монанди содир намудани ҷиноят нисбат ба зани ҳомиладор, нисбат ба падару модар, содир намудани ҷиноят бо бераҳмии махсус, содир намудани ҷиноят бо мақсади нияти нопоку паст дохил мешаванд (Диаграммаи 26).

Аз ҳама ҷазои маъмултарине, ки судҳо барои ҳамаи ҷиноятҳо муқаррар кардаанд, ба истисноии моддаи 140 (маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ), ҳабс (маҳрум кардан аз озодӣ) буд. Дигар намудҳои ҷазо, ки ба маҳрумият аз озодӣ алоқаманд нестанд, асосан барои ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ ва тибқи моддаи 111 татбиқ шуда буданд. Ба инҳо корҳои ислоҳӣ, ҷарима ва корҳои ҳатмӣ дохил мешаванд. Судҳо нисбат ба ду нафар айбдоршаванда авф эълон карданд, ки дар натиҷа муҳлатҳои ибидоии маҳрум сохтан аз озодӣ кам карда шуд (Ҷадвали 7).

*Ҷадвали 7. Ҷазоҳои таъйиншуда*

| Ҷазо | Моддаи 104 | Моддаи 109 | Моддаи 110 | Моддаи 111 | Моддаи 117 | Моддаи 138 | Моддаи 139 | Моддаи 140 | Моддаи 141 | Моддаи 142 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳабс (маҳрум кардан аз озодӣ)** | 8 | 7 | 4 | 6 | 10 | 12 | 13 | | 11 | 10 | 81 |
| **Корҳои ислоҳӣ** | | | | 8 | | | | | 1 | | 9 |
| **Ҷарима** | | | | | | | | 2 | | 1 | 3 |
| **Корҳои ҳатмӣ** | | | | | | | | | 5 | 1 | 6 |
| **Авф** | | 1 | | | | | | | 1 | | 2 |
| **Моддаи 63-и Кодекси ҷиноятӣ** | | 1 | | | 1 | | 1 | | 5 | 2 | 10 |
| **Моддаи 71-и Кодекси ҷиноятӣ** | | 1 | 1 | 2 | 5 | 2 | | | 6 | 1 | 18 |

Ҳангоми таъйини ҳукм судҳо моддаҳои 63 ва 71-и Кодекси ҷиноятиро татбиқ карданд. Ин ду модда шартан татбиқ накардани ҷазо (71) ва таъйини ҷазои сабуктарро (63) дар бар мегиранд. Моддаи 71 бештар нисбат ба ҷиноятҳое истифода шуда буд, ки дар асоси моддаи 117 (азобу уқубат) содир шудаанд. Инҳо ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила буданд ва дар ин мавридҳо ҷабрдида аз суд дархост кардааст, ки ҷазои ғайриҳабсӣ таъйин кунад, зеро ҷинояткор саробони асосии оила буд.

Тақрибан дар чоряки парвандаҳои ҷиноятӣ (25 аз 104) ҳукмҳои айбдоркунандаи суди марҳилаи якум шикоят карда шуданд. Ҳангоми баррасии ҷазо судҳо метавонанд моддаҳои 63 ва 71-и Кодекси ҷиноятиро низ бо ҳамон тартиби дар боло зикршуда татбиқ намоянд.

*Ҷадвали 8. Шикояти ҷазоҳое, ки суди марҳилаи якум таъйин кардааст.*

| Тавсиф | Моддаи 104 | Моддаи 109 | Моддаи 110 | Моддаи 111 | Моддаи 117 | Моддаи 138 | Моддаи 139 | Моддаи 140 | Моддаи 141 | Моддаи 142 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шикояткунӣ** | 3 | 5 | 0 | 2 | | 7 | 5 | | 3 | | 25 |
| **Тағйир дар натичаи шикояткунӣ** | 0 | 2 | | 0 | | 1 | 0 | | 0 | | 3 |
| **Моддаи 63** | 0 | 2 | | | | | | | | | 2 |
| **Моддаи 71** | | 1 | | | | | | | | | 1 |

Аз шумораи умумии ҳукмҳои шикоятӣ танҳо 3 ҳукм бо тартиби кассатсионӣ ё назоратӣ тағйир дода шудаанд. Дар ду ҳолат моддаи 63-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шудааст. Аз рӯи ин модда моддаи 71-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ гардид (Ҷадвали 8).

## ҚИСМИ 3. ПАРВАНДАИ МАЪМУРӢ ВОБАСТА БА ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

### 3.1. Профили шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир намудаанд

Таҳқиқи профили шахсони содирнамудаи ҷинояти зӯроварӣ дар оила дар худ ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, таҳсилот ва шуғли онҳоро дар бар гирифтааст.

*Диаграммаи 27. Ҷинси шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд*




Аксари ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ тибқи ин ду модда аз ҷониби мардон содир шудааст (38 ҳолат). Занҳо ду ҳуқуқвайронкунӣ тибқи моддаи 93.1 содир кардаанд (Диаграммаи 27).

*Диаграммаи 28. Синну соли шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд*




Тақсимот аз рӯи синну сол нишон дод, ки зӯроварӣ дар оила бештар аз ҷониби шахсони 36-45 (15 нафар), 26-35 сола (12 нафар) ва 46-65 сола (11) содир шудааст (Диаграммаи 28).

*Диаграммаи 29. Дараҷаи таҳсилоти шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд*




Аз рӯи дараҷаи таҳсилот аксарияти (34 нафар) шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд, таҳсилоти миёна доранд (Диаграммаи 29).

Дар мавриди вазъи оилавӣ аз 40 нафар 35 нафарашон никоҳро дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) сабт кардаанд.

*Диаграммаи 30. Вазъи оилавии шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд*




Се нафар муҷаррад ва ду нафар аз ҳам ҷудо шуданд (Диаграммаи 30).

*Диаграммаи 31. Шуғли шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд*




Аз 40 нафар шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила 30 нафарашон бекор буданд (Диаграммаи 31). Ҳамаи шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Онҳо маъюбӣ надоштанд. Яке аз 40 нафаре, ки зӯроварӣ дар оиларо содир кардаанд, дар гузашта доғи судӣ доштаанд, аммо дар парванда гуфта нашудааст, ки ӯ аз рӯи кадом модда айбдор шудааст.

**3.2. Профили ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**

Ҳамаи 40 нафар ҷабрдида зан буданд. Онҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ягон маъюбият надоштанд.

*Диаграммаи 32. Синну соли ҷабрдидагон*




Қисми зиёди ҷабрдидагон аз 26 то 35 сола (13 нафар) ва аз 36 то 45 сола (15 нафар) будаанд (Диаграммаи 32).

*Диаграммаи 33. Вазъи оилавии ҷабрдидагон*




Аксари ҷабрдидагон оиладор буда, ақди никоҳи онҳо дар САҲШ сабт шудааст. Ду нафар ҷабрдида зани бева, панҷ нафар талоқшуда ва як нафар муҷаррад буданд (Диаграммаи 33).

*Диаграммаи 34. Шуғли ҷабрдидагон*




Қисми зиёди ҷабрдидаҳо бекор буданд. Ва шумораи баробари ҷабрдидагон кор мекарданд (5 нафар) ва нафақахӯр буданд (5 нафар) (Диаграммаи 34).

*Диаграммаи 35. Дараҷаи таҳсилоти ҷабрдидагон*




Аз рӯи дараҷаи таҳсилот аз 40 нафар ҷабрдида 36 нафарашон таҳсилоти миёна доштанд. Се нафар зан таҳсилоти олӣ ва як зан таҳсилоти миёнаи нопурра доштанд (Диаграммаи 35).

**3.3. Намудҳои зӯроварӣ дар оила**

Дар парвандаҳои маъмурӣ қайд карда мешавад, ки кадом намуди зӯроварӣ дар оила содир шудааст. Тавре ки баррасии парвандаҳои маъмурӣ нишон дод, дар 25 ҳолат якбора ду намуди зӯроварӣ – ҷисмонӣ ва равонӣ содир шудааст. Дар 14 парванда танҳо ҳолатҳои равонӣ ва дар як маврид зӯроварии ҷисмонӣ дар оила мушоҳида шудааст (Диаграммаи 12).

*Диаграммаи 35. Намудҳои зӯроварӣ дар оила*




Баррасии парвандаҳои маъмурӣ нишон дод, ки дар ҳолатҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ лату кӯб ва ҷанҷол бо истифода аз суханҳои дағалона содир шудааст. Ҷанҷолҳо бо истифода аз суханҳои дағалона ва/ё ҳолатҳои ҷудогонаи шапалоқ ҳамчун зӯроварии равонӣ арзёбӣ шуданд. Зӯроварии ҷисмонӣ танҳо латукӯбро дар бар мегирифт.

Дар парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила ШВКД ва судҳо зӯроварӣ дар оиларо ҳамчун як намуди рафтори назораткунанда, ки дар маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида ифода шудааст, баррасӣ накардаанд. Дар парвандаҳо умуман шарҳ дода мешаванд, ки сабаб барои ҷанҷол вуҷуд надошт, яъне онҳоро ҳамчун муноқишаҳои муқаррарии оилавӣ баррасӣ накардаанд. Зӯроварӣ дар оила дар ин парвандаҳо ҳамчун рафтор ва ҷанҷолҳои марбут ба мастшавии шахсони шаробхӯри содиркунандаи зӯроварӣ дар оила, рашк ва хусумат байни шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила ва ҷабрдидагон тавсиф мешавад.

*Диаграммаи 36. Вақти рух додани зӯроварӣ дар оила*




Дар ҳамаи 40 парвандаи вобаста ба зӯроварӣ дар оила дар хона рух додааст. Асосан он рӯзона, аксари вақтҳо аз соати 12:00 то 18:00 (дар 16 ҳолат) ва аз 18:00 то 24:00 (дар 17 ҳолат) рух додааст (Диаграммаи 36).

Дар мавриди муносибат байни шахсони содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдидагон дар зиёда аз нисфи парвандаҳо зӯроварӣ нисбат ба шарики шаҳвонии (ҳамбистари) ҳозира ё собиқаш содир шудааст (23 ҳолати зӯроварӣ байни ҳамсарон ва ду ҳолат байни ҳамсарони собиқ) (Диаграммаи 37). Тавре ки дар боло зикр гардид, зану шавҳар издивоҷ карда, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудаанд. Талоқи онҳо низ расман ба охир расидааст.

*Диаграммаи 37. Муносибат байни шахсони содиркунандаи зӯроварӣ дар оила ва ҷабрдида*




Ҳолатҳои дигари зӯроварӣ дар парвандаҳои маъмуриро метавон ҳамчун зӯроварии байни наслҳо, ки байни падару модар ва фарзандон (5), байни бародару хоҳар (3) ва дигар хешовандон (7) рух додааст, тасниф кард (Диаграммаи 37). Дигар хешовандон муносибати хушдоман ва келин, додарарӯсу келин, келину хоҳарарӯс ва ғайраро дар бар мегиранд.

### 3.4. Натиҷаи баррасии парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила дар судҳо

Парвандаҳои зӯроварӣ дар оила тибқи моддаҳои 93.1 ва 93.2 аз ҷониби мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ тибқи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиш карда мешаванд. Баъди анҷоми тафтишот Шуъбаи корҳои дохилӣ ин парвандаҳоро ба суд месупорад, ки он баъдан ҷазоро барои содир кардани онҳо муайян мекунад.

Дар Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлатҳои зерини баррасии парвандаҳои зӯроварӣ дар оила пешбинӣ шудаанд:

- Протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фавран пас аз ошкор шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад. Агар муайянкунии иловагии ҳолатҳои парванда ё додаҳо дар бораи шахсони воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқие, ки нисбат ба онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, зарур бошад, пас дар давоми на бештар аз се рӯзи баъди ошкор шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.[6]
- Протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мӯҳлати се руз ба судя фиристода мешавад.[7]
- Парванда вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар давоми бист шабонарӯз аз лаҳзаи аз тарафи судя гирифтани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводҳои парванда баррасӣ карда мешавад. Дар ҳолати аз иштироккунандагони истеҳсолот (мурофиаи судӣ) аз рӯи парванда вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул кардани дархост ё дар сурати зарурат барои ба таври иловагӣ дақиқ кардани ҳолатҳои парванда мӯҳлати баррасии парванда мумкин аст аз ҷониби судяи баррасикунандаи парванда тамдид карда шавад, вале на бештар аз як моҳ.[8]

Дар асоси ин муқаррарот мӯҳлатҳо дар парвандаҳои маъмурии барои баррасӣ ҷамъкардашуда ба таври зерин тақсим карда шуданд: 1)мӯҳлат байни ҳуқуқвайронкунӣ ва тартиб додани протокол; 2) мӯҳлати ба суд фиристодани протокол; 3)мӯҳлат байни санаи аз тарафи суд қабул намудани протокол ва маводҳои парванда ва санаи баррасии парвандаи маъмурӣ.
Мутобиқи Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи 40 парвандаи маъмурӣ аз ҷониби судҳо дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун баррасӣ карда шуданд. Ҳамаи муҳокимаҳои судӣ дар як рӯз бидуни танаффус баргузор шуданд. Дар баъзе мавридҳо дар байни мӯҳлати тартиб додани протокол ва ба суд равон кардани он таъхирҳо мушоҳида шуда буданд.

---

[6]Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (2013), қисмҳои 1 ва 2 моддаи 84.
[7]Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (2013), қисми 1 моддаи 85.
[8]Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (2013), моддаи 136.

*Ҷадвали 9. Муҳлати баррасии парвандаҳои маъмурии зӯроварӣ дар оила*

| | | |
|---|---|---|
| **Муҳлати ҳолат ва тартибдиҳии протокол** | дар ҳамон рӯз | 15 |
| | То 3 рӯз | 15 |
| | Зиёда аз 3 рӯз | 10 |
| **Равонкунӣ ба суд** | дар ҳамон рӯз | 23 |
| | Зиёда аз 3 рӯз | 17 |
| **Суд** | Дар муддати 20 руз | 39 |
| | Зиёда аз 20 рӯз | 1 |

Дар асоси гурӯҳбандии муҳлатҳо муайян карда шуд, ки дар 10 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муҳлати тартиб додани протокол пас аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи Шуъбаи корҳои дохилӣ дароз карда шуда, дар 17 ҳолат дар сари вақт ба суд пешниҳод накардани протокол ва маводҳои парвандаи маъмурӣ ҷой дошт. Дар судҳо тартиботи тезонидишудаи баррасии парвандаҳои маъмурии мазкур амал мекунад. Танҳо дар як ҳолат ин муҳлат як моҳро дар бар гирифт.

Аз 40 парвандаи маъмурӣ дар 5-тоаш ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хулосаҳои ташхиси судӣ-тиббӣ замима шудааст, ки бо ташаббуси ҷабрдида гузаронида шудааст. Аз 40 парвандаи маъмурӣ дар 12-тои он ҷабрдида бар асоси аризаи худ дар мурофиаи судӣ дар бораи баррасии парвандаи зӯроварӣ дар оила ҳузур надоштааст. Ҳам шахсони содирнамудаи ҷиноят ва ҳам ҷабрдидагон ҳимоятгар ё ҳуқуқшинос надоштанд.

Содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар моддаи 93.1 пешбинӣ шудааст, бо ҷарима ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва тибқи моддаи 93.2 бо ҷарима ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз ҷазо дода мешавад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» (2023) нишондиҳанда барои ҳисоб кардани ҷаримаҳо дар ҳаҷми 72 сомонӣ муқаррар шудааст. Дар робита ба ин, ҷарима тибқи моддаи 93.1. аз 144 то 360 сомониро (1 доллари ИМА = 10,66 сомонӣ) ташкил медиҳад. Тибқи моддаи 93.2. бошад, ҷарима аз 360 то 720 сомониро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 38. Ҳаҷми ҷаримаҳо*




Баррасии ҳамаи 40 парвандаи маъмурӣ дар суд бо баровардани ҳукми таъйини ҷазои маъмурӣ анҷом ёфт. Дар 39 ҳолат суд ҷарима ва дар як ҳолат тибқи моддаи 93.2 суд ба муҳлати 15 рӯз ҳабси маъмурӣ таъйин кардааст. Ҷаримаҳо дар ҳаҷми аз 1 то 10 нишондиҳандаи ҳисобӣ баробар буданд. Каме бештар аз 50 дарсади ҷаримаҳо ба маблағи баробар ба ду нишондиҳанда барои ҳисобкунӣ дар доираи ҷазодиҳии модда ташкил дод. Дар як парванда тибқи моддаи 93.2 ҷарима ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисоббаробаркунӣ таъйин карда шуд, ки (ба ғайр аз ҳабс) ҳадди ниҳоии ҷазо дар намуди ҷарима тибқи ин модда мебошад (Диаграммаи 38).

## Хулоса ва тавсияҳо

**Дар асоси баррасии парвандаҳои зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии шаҳвонӣ тамоюлҳои зеринро метавон қайд кард:**

- Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омори алоҳида дар бораи парвандаҳои зӯроварӣ дар оиларо пешбарӣ намекунанд, зеро омор муносибатро байни шахси содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдида инъикос намекунад.

- Парвандаҳои судии таҳқиқшуда, ҳам парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳам парвандаҳои маъмурӣ, дар бораи зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии шаҳвонӣ аз ҷониби мардон баррасӣ карда шуданд. Ҳиссаи занон дар байни машваратчиёни халқӣ назар ба судяҳо зиёд буд.

- Дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баррасӣ интихоб шудаанд, парвандаҳо тибқи моддаи 116-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан мавҷуд набуданд, чунки эҳтимолан ин парвандаҳо парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ мебошанд.

- Ҳам дар парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳам дар парвандаҳои маъмурӣ дар байни шахсоне, ки тибқи моддаҳои мавриди омӯзиш қарордошта ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии зӯроварӣ дар оила ҷиноят содир кардаанд, занҳо ақалиятро ташкил медоданд. Ҳамин тариқ, додаҳое, ки дар рафти баррасӣ ба даст омадаанд, додаҳои таҳқиқотҳои дигарро тасдиқ мекунанд, ки мардон нисбат ба занон зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии шаҳвониро бештар содир мекунанд.

- Аксари ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ занон буданд. Шакли маъмултарини зӯроварӣ дар оила дар ҳолатҳои омӯхташуда зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ, аз ҷумла шарики собиқ буд. Ҳамин тариқ, занон нисбат ба мардон бештар ба зӯроварӣ дар оила осебпазиранд.

- Вобаста ба зӯроварии шаҳвонӣ дар парвандаҳои таҳқиқшуда бояд гуфт, ки он аз ҷониби мардон аз синни 14-17 сола содир шудааст. Қисми зиёди ҷабрдидагон занон буданд, аммо дар байни ҷабрдидагон мардон ҳам буданд (тақрибан 20 дарсад). Ҷабрдидагон асосан дар гурӯҳҳои синну соли 2-13 ва 14-17 сола буданд. Ҳамин тариқ, ноболиғон нисбат ба калонсолон ба зӯроварии шаҳвонӣ бештар осебпазиранд. Дар мавриди муносибат байни шахси содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдида бошад, дар зиёда аз нисфи парвандаҳои тибқи моддаҳои 138 ва 139 шахсони содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдидагон ба ҳамдигар шинос буданд ё муносибати хешу таборӣ доштанд.

- Вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила на он қадар самаранок боқӣ мемонад. Тавре ки баррасӣ нишон дод, дар шумораи зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила ҷой дошта бошад ҳам, танҳо дар як ҳолат сабти ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахс барои зӯроварӣ дар оила мавҷуд аст. Дар парвандаҳои маъмурӣ ШВКД мухлати муқарраршудаи тартиб додани протоколҳо ва ба суд фиристодани парвандаро вайрон мекунад. Дар ин парвандаҳо ташхиси судӣ-тиббии ҷабрдидагон хеле кам гузаронида мешавад. Новобаста аз муроҷиатҳои чандкарата ба муассисаҳои тиббӣ дар бораи сабт кардани ҷароҳатҳои ҷисмонии ҷабрдида дар парвандаи ҷиноятӣ, ҳеҷ яке аз ин муассисаҳо дар бораи зӯроварӣ дар оила ба мақомоти корҳои дохилӣ хабар надодаанд. Рафтори назораткунанда аз ҷониби судҳо дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила сабт карда мешавад. Бо вуҷуди ин, рафтори назораткунанда дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаклҳои зӯроварӣ дар оила эътироф нашудааст.

- Судҳо ба субъектҳое, ки ба онҳо вокуниш ба парвандаҳои зӯроварӣ дар оила ваколат дода шудааст, вобаста ба амалҳои онҳо дар бораи беҳтарсозии кор дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила қарорҳои хусусӣ мебароранд. Танҳо дар як ҳолат суд дар бораи зарурати гузаронидани корҳои пешгирикунандаро вобаста ба пешгирии зуроварӣ дар оила таъйиноти хусусӣ баровардааст.

- Дар ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ, ки ҷабрдидагони он ноболиғон мебошанд, судҳо омӯзгорон, равоншиносон, намояндагони комиссияҳои ҳуқуқи кӯдакон ва намояндагони Ваколатдор вобаста ба ҳуқуқи кӯдакро ҷалб мекунанд. Бо вуҷуди ин, бозпурсии ҷабрдидагон, аз ҷумла ноболиғон, дар ҳузури шахси айбдоршаванда дар суд як амалияи маъмул мебошад.

- Ҳам дар парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳам дар парвандаҳои маъмурӣ ба ҷабрдидагон, аз ҷумла ба ноболиғон дар ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат кафолат дода намешавад, зеро ин ҳуқуқ дар қонун пешбинӣ нашудааст. Ҷабрдидагони ноболиғ дар парвандаҳо вобаста ба зӯроварии шаҳвонӣ ба ёрии ҳуқуқӣ тавассути захираҳои ташкилоти ҷамъиятӣ дастрасӣ доштанд.

**Тавсияҳои асосӣ:**

- Ба омори судӣ нишондиҳандаи «муносибат байни шахси содирнамудаи ҷиноят ва ҷабрдида» дохил карда шавад, дараҷаҳои гуногуни хешутаборӣ ё набудани онҳо қайд карда шавад, то ки вазъият дар соҳаи зӯроварӣ дар оила пайгирӣ карда шавад.

- Андешидани чораҳои таъсирбахш вобаста ба ҷалб намудани занон ба системаи судӣ.

- Моддаҳои 112 ва 116-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи парвандаҳои айбдоркунии ҷамъиятӣ гузаронида шаванд.

- Дар қонунгузорӣ осебпазирии махсуси занон ба зӯроварӣ дар оила бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва моддаи алоҳидаи «Зӯроварӣ дар оила» ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шавад, ки он ҳамчунин содир намудани рафтори назораткунандаро дар оила ҷиноят ҳисоб мекунад.

- Вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, махсусан аз ҷониби мақомоти ШВКД ва мақомоти тандурустӣ бо мақсади ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки зӯроварии оилавиро содир мекунанд, беҳтар карда шавад.

- Қарори Пленуми Суди Олӣ бо мақсади ба судҳо додани дастурҳои муфассалтар вобаста ба баррасии парвандаҳои зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла зӯроварии шаҳвонӣ, таҳия карда шавад. Он бояд иттилооти ҳамаҷонибаро дар бораи хусусияти зӯроварии гендерӣ, шаклҳо ва намудҳои он, сабабҳо (қудрат ва назорат, нобаробарии гендерӣ), далелҳои қобили қабул ва ғайри қобили қабул, истифодаи ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда, иштироки ҷабрдидагон дар мурофиаи судӣ, чораҳои муҳофизатӣ ва қоидаҳои бозпурсии ҷабрдидагон дар суд, татбиқи ҷазо ва масъалаҳои дигарро дар бар гирад.